*ТДУ 947(575.3)*
*DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-30-36*

**РУШДИ БОСУРЪАТИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 2016 – 2023)**

***Абдуҳакимова Мунзифа Соҳибовна**, унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДБҲСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**СТРЕМИТЕЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО СЕКТОРА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (2016 – 2023 гг.)**

***Абдухакимова Мунзифа Сахибовна**, соискатель кафедры истории таджикского народа ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

**RAPID DEVELOPMENT ENERGY SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (2016 – 2023)**

***Abdukhakimova Munzifa Sakhibovna,** applicant of the Department of the History of the Tajik People, TSULBP (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** munzifa.abdukhakimova@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** энергетика, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қувваи барқ, НБО, сиёсати давлатӣ, иқтисодиёт, саноат*

*Дар мақола масъалаи рушди соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2016-2023 мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Қайд мешавад, ки яке аз муваффақиятҳои бузурги ин давра ба кор андохтани ду чарха(агрегат)-и НБО Роғун мебошад. Тазаккур мешавад, ки дар доираи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи энергетика объектҳои хурду миёна низ сохта ба истифода дода шуданд. Ҳамчунин дар ҳафт соли охир таҷдиду азнавсозии НБО ба он мусоидат намуд, ки истеҳсоли нерӯи барқ дар мамлакат зиёд гардад. Ҳамчунин зикр мешавад, ки дар ҷодаи таъмини аҳолӣ бо қувваи барқ масъалаҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд, ки мутахассиони соҳа шабонарӯзӣ барои бартараф кардани онҳо кӯшиш намуда истодаанд.*

***Ключевые слова:** энергетика, Республика Таджикистан, электроэнергетика, ГЭС, государственная политика, экономика, промышленность*

*В статье рассматривается развитие энергетической отрасли Республики Таджикистан в 2016-2023 годах. Отмечается, что одним из больших успехов этого периода является ввод в эксплуатацию двух агрегатов Рогунской ГЭС. Следует отметить, что малые и средние объекты также строились и вводились в эксплуатацию в рамках государственных программ в сфере энергетики. Также за последние семь лет реконструкция и модернизация ГЭС способствовала увеличению производства электроэнергии в стране. Также отмечается, что существуют серьезные проблемы в обеспечении населения электроэнергией, которые специалисты постоянно пытаются решить.*

***Keywords:** energy, Republic of Tajikistan, electric power industry, hydroelectric power station, public policy, economy, industry*

*The article dwells on the development of the energy sector of the Republic of Tajikistan in 2016-2023. It is noted that one of the great successes of this period is the commissioning of two units of the Roghun HPS. It is worth mentioning that small and medium-sized facilities were also built and commissioned within the framework of state programs in the energy sector. Also, over the past seven years, the reconstruction and modernization of hydroelectric power stations has contributed to an increase in electricity production in the country. As well as, it is underscored that there are serious problems in providing the population with electricity, which specialists are constantly trying to solve.*

Расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини аҳолӣ бо қувваи барқи доимии худӣ, яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати расидан ба ин ҳадафи созанда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, фурӯши саҳмияҳо ва сармояи хориҷӣ маблағҳои зиёдро равона ва пайи татбиқи ислоҳоти энергетикӣ сарф мекунад, ки барои ташаккули иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Чуноне, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016, бармеояд, инкишофи соҳаи энергетика барои расидан ба ҳадафҳои бузурги иқтисодӣ қадами аввалин мебошад. Вобаста ба ин масъала сарвари давлат чунин ибрози андеша намуда буданд: "Тавре ки таъкид шуд, инкишофи соҳаи саноат дар навбати аввал, аз истеҳсоли нерӯи барқ вобаста мебошад. Вале бояд гуфт, ки то ба имрӯз ҳаҷми нерӯи барқи дар кишвар истеҳсолшаванда барои таъмин кардани инкишофи устувори иқтисодиёт кифоят намекунад. Аз ин хотир моро лозим аст, ки дар баробари ба кор андохтани

иқтидорҳои нави истеҳсоли нерӯи барқ, истифодаи самараноки онро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда махсусан ба истифодаи техникаву таҷҳизоти каммасрафи барқӣ аҳамияти аввалиндараҷа диҳем"[1].

Дар таърихи 29 октябри соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон худ савори булдозери вазнин аз соати 10-и субҳ то 11:30 расо якуним соат бо пеш кардани сангу шағал маҷрои дарёи Вахшро баста, ба бунёди сарбанди Нерӯгоҳи барқи обии Роғун ҳусни оғоз бахшид[11].

16 ноябри соли 2018, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ агрегати якуми Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба кор даровsecuring. Нахуст дар маҳалли сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Роғун хатти баландшиддати интиқоли нерӯи барқи 500 квт-и "Душанбе-Роғун"-ро бо пахши васлак ба истифода дода, орзуву омоли деринаи миллати тоҷикро ҷомаи амал пӯшониданд. Хатти баландшиддати интиқоли нерӯи барқи 500 кт-и "Душанбе-Роғун" дар доираи лоиҳаи "Барқарорсозӣ ва сохтмони хатти баландшиддати интиқоли нерӯи барқи 500 квт дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ" амалӣ шуда, арзиши умумии тарҳ 650 миллион сомонӣ мебошад. Лоиҳаи мазкур моҳи сентябри соли 2017 оғоз ёфта, анҷоми тадбиқи лоиҳа тибқи нақша моҳи августи соли 2021 пешбинӣ шуда буд, ки он саривақт амалӣ гардид.

Сипас ба фаъолияти Дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун оғози расмӣ бахшиданд. Корҳои васлгарии таҷҳизоти Дастгоҳи маҷмӯии пӯшидаи тақсимкунии элегазӣ "КРУЭ" ҳанӯз моҳи феврали соли 2018 бо иштироки мутахассисони варзидаи маҳаллӣ бо сифати баланд ба анҷом расонида шуда буд. Дар ин иншооти болопӯшида 19 адад дастгоҳи элегазии 500 квт ва 4 дастгоҳи элегазии 220 квт насб гардидааст. Интиқоли нерӯи барқ аз ин иншоот ба системаи ягонаи энергетикии мамлакат тавассути шаш хати барқи ҳавоии 500 квт сурат мегирад. Ҳамчунин аз таҷҳизоти мазкур тавассути як хати дузанҷираи 220 квт то зеристгоҳи барқии шаҳри Роғун нерӯи барқ интиқол дода хоҳад шуд. Фаъолияти ин маркази муқтадир дар ҳамкорӣ бо ширкати овозадори олмонии Siemens бо сифати баланд бунёд шуд. Маҳз аз ҳамин толор тавассути дастгоҳҳои истеҳсоли ширкати бонуфузи ҷаҳонӣ нерӯи барқи дар НБО Роғун истеҳсолшаванда ба хатҳои баландшиддат интиқол дода мешавад. Дар дохили бинои КРУЭ 57 полюси васлакҳои элегазии 500 квт, 99 трансформатори ҷараёнӣ, 30 модули дарозкунанда, 168 адад ҷудокунанда, 48 трансформатори шиддат ва 30 адад маҳдудкунандаи шиддати 500 квт васл карда шуданд. Дар байни 36 полюс модулҳои мобайнии ҷараёнгузар насб гардидааст. Ҳамаи полюсҳои 500 квт бо металлоконструксияҳои муҳофизатӣ ҷиҳозонида шудаанд[9].

Бояд гуфт, ки санаи 9 сентябри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба кор даровардани агрегати дуюми Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ба шаҳри Роғун ташриф оварданд. Ба кор даровардани агрегати дуюми нерӯгоҳ нерӯи барқи аз он тавлидшаванда ба системаи умумии энергетикии мамлакат интиқол дода шуд[10].

Оғози корҳои барқарорсозӣ ва бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», таҷдиду азнавсозии нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум», мавриди истифода қарор гирифтани нерӯгоҳҳои барқи обии «Сангтӯда - 1», «Сангтӯда - 2», Помир – 1, нерӯгоҳи барқи обии «Тоҷикистон» дар баландии 3500 метр аз сатҳи бахр дар ноҳияи дурдасти Мурғоб, Маркази барқу гармидиҳии Душанбе -2, зеристгоҳҳои барқии 500 киловолтаи «Душанбе» ва «Суғд», хати интиқоли барқи 500 киловолтаи «Ҷануб-Шимол», Дастгоҳҳои тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 220 ва 500 киловолта дар нерӯгоҳи барқи обии Норак, зеристгоҳҳои барқии 220 киловолтаи «Лолазор», «Хатлон», «Айнӣ», «Шаҳристон», «Шаҳринав», «Геран - 2», хатҳои интиқоли барқи 220 киловолтаи «Лолазор-Хатлон», «Тоҷикистон-Афғонистон», «Хуҷанд-Айнӣ», «Қайроққум-Суғд», «Айнӣ-Рӯдакӣ» ва оғози татбиқи воқеии лоиҳаи КАСА – 1000 аз ҷумлаи комёбиҳои бузурги Тоҷикистон дар роҳи расидан ба истиқлоли комили энергетикӣ мебошанд, ки таҳти роҳнамоии бевоситаи Пешвои хирадманду дурандеш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ карда шудаанд. Бо татбиқи лоиҳаҳои мазкур дар даҳ соли охир иқтидорҳои истеҳсолии системаи энергетикии кишвар 1320 мегават зиёд ва беш аз 1300 километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддати 500, 220 ва 110 киловолта мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд[9].

НБО «Роғун» яке аз иншоот азими Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Тавре ки мо медонем корҳои барқароркунии сохтмонӣ дар НБО «Роғун» аз соли 2009 оғоз гардида буд. Чунин як лоиҳаи бузурги энергетикӣ дар кишвар ҳанӯз

охири солҳои 70-уми асри гузашта шурӯъ шуда буд, вале бо сабабҳои гуногун нотамом монд. Аслан Роғун ном гирифтани ин нерӯгоҳ аз номи деҳае бо номи Роғун сарчашма мегирад. Роғун нангу номус ва ифтихори миллати тоҷик аст.

Бо бунёди НБО «Роғун» Тоҷикистон истиқлоли энергетикиашро ба даст оварда метавонад. Ба кор андохтани НБО «Роғун» ягона роҳи бадастдарории истиқлолияти энергетикӣ мебошад. Ин нерӯгоҳ пуриқтидортарин нерӯгоҳ дар Осиёи Миёна буда, иқтидори тавлидотии нерӯи барқи он 13.5 миллиард киловатро ташкил медиҳад.

Мардуми тоҷик чандин сол аст, ки аз набудани барқ азият мекашиданд ва иқтисоди кишвар ҳам аз бебарқӣ ҳисороти азиме дид. Сарбанди НБО «Роғун», ки баландии 335 метрро ташкил медиҳад, баландтарин сарбанд дар ҷаҳон мебошад.

Нерӯгоҳи НБО «Роғун» ва иқтисоди Тоҷикистон хеле муҳим аст ва моро аз вобастагии кишварҳои дигар раҳо мекунад.

Баъди ба истифода додани нерӯгоҳ корхонаҳое, ки бо сабаби набудани барқ кор намекарданд ба истифода дода мешаванд.

Чархаи аввали нерӯгоҳ нахуст бо иқтидори 115 мегаватт ва дар охир то 600 мгвт қувваи барқ истеҳсол мекунад. Дар сохтмони ин нерӯгоҳ беш аз 50 ширкати маҳаллию хориҷӣ, аз ҷумла ширкатҳои фаронсавӣ, русӣ, эронӣ кор мекунанд. Дастгоҳҳои интиқоли барқ бо харҷи 79 млн. доллар сохта шудаанд.

Шоираи мардумии Тоҷикистон Гулрухсор Сафиева Роғунро «Муҷассамаи истиқлолияти Тоҷикистони навин» номидааст. Ояндаи босаодати ҳар тоҷику тоҷикистонӣ аз ин сохтмон вобастагӣ дорад. Мо баъди ифтитоҳи чархаи дуюми НБО «Роғун» ба чунин натиҷа расидем, ин ҳама натиҷаи тафаккури созандагӣ, эҷодӣ, ояндабинона ва иродаи қавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

Эмомалӣ Раҳмон тафаккури мардумро бедор намуда, азм карданд то иқтидорҳои мавҷудаи энергетикӣ барқарор шавад. Чархаи дуюми НБО «Роғун» бо ҳузури меҳмонони олиқадр ба истифода дода шуд. Бо бунёди комили НБО «Роғун» ормонҳои ҳазорсолаи мардуми тоҷик амалӣ мегарданд ва бояд эътироф намоем, ки дар саргаҳи ҳамаи ин бунёдкориҳо фарзанди фарзонаи миллат, шахсе, ки кирдору амалаш як аст, фарзанди замини ин диёри куҳанбунёд, Қаҳрамони Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон аст.

Мардуми Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба ҷаҳониён қудрати азалии хешро нишон дода, аз рисолати созандагӣ дарак доданд. Ҳазорон фидоии роҳи дурахшони мамлакат шабу рӯз дар майдони кори нерӯгоҳ заҳмат кашида, ҷиҳати дар фурсати кутоҳ ба истифода додани Роғун заҳмат мекашанд. Онҳо худ медонанд, ки бунёди Роғун ба ояндаи дурахшони миллат заминаи мусоид фароҳам меорад.

Бунёди НБО «Роғун» орзуи деринаи мардуми тоҷик буду ҳаст. Ҷаҳду талошҳои пайваставу шабонарӯзии Эмомалӣ Раҳмон буд, ки кор дар бунёди иншооти муҳими стратегӣ авҷ гирифт. Роғун манбаи адонашавандаи нур аст, ки Тоҷикистонро дар оғӯши Шарқи куҳан ба ахтари ҳамешатобон монанд хоҳад кард. Иштироки фаъолонаи мардуми шарифи Тоҷикистон дар харидории саҳмияҳои Роғун далелу ҳисси ифтихори миллии ҳар сокини бо нангу номуси кишвар аст. Чашми умеди ҳамаи мо ба сӯи Роғун, ба сӯи манбаи нур аст.

Барқи Роғун ба хонадони мо ворид гашта, онро равшан месозад, зиндагиамонро шукуҳу шаҳомати нав мебахшад. Мо фахр мекунем, ки фарзандони бо нангу номус ва соҳибкасби Тоҷикистони азизу маҳбуб ҳастем.

Иншооти Роғун ҳамчун нерӯгоҳи барқи обӣ на танҳо барои миллати тоҷик нуру зиё, балки баракату фаровонӣ ва ҳамбастагиро ато менамояд. Бо оғози ин иншооти бузург миллати тоҷик боз аз соҳибтоҷӣ, бузургдилӣ, саховатмандӣ ва ҳунари волои ниёгони хеш ёдрас гардид.

Бо мақсади амалисозии ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, таҳти №159 тасдиқ гардид.

Инчунин, дар Паёми, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26-уми декабри соли 2018 ҳамчун дастур ироа гардид, ки нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ- индустриалӣ ба индустриалӣ- аграрӣ бояд таъмин кард. Зеро устувории мавқеи саноат дар таъмини истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон ва ҳалли масоили муҳимтарини иҷтимоӣ, аз ҷумла афзун намудани ҷойҳои корӣ ва ба маротиб баланд

бардоштани некуаҳволӣ, таъмини бехатарӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамо шароити мусоид фароҳам меоварад.

Нақш ва аҳамияти соҳаи саноатро дар рушди иқтисодиёти миллӣ муҳим шуморида, Пешвои миллат дар Паём соли 2018 чунин пешниҳод намуданд: «… Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад»[2].

Баъди эълон гардидани саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд барномаю стратегияҳои давлатӣ дар самти рушди соҳаи саноат тасдиқ карда шуданд:

1. Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022[6].
2. Барномаи рушди саноати хуроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025[7].
3. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025[8].

Таҳия ва татбиқу амалигардонии барномаю стратегияҳои зикргардида имкон додаанд, ки имрӯз шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 2274 расида, тибқи ҳадафҳои муайянгардида дар ҳафт соли оянда бояд ба зиёда аз 3500 расонида шавад, яъне беш аз 54 дар сад афзоиш ёбад. Агар соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бақайд гирифта шуда бошад, пас танҳо соли 2020–ум 300 корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ бо зиёда аз 6500 ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шудаанд. Соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 9,7 % афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи соҳаи саноат низ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ сол ба сол зиёд шуда истодааст ва тибқи пешбиниҳо то амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бояд ба 22-23%-ро ташкил диҳад.

Энергетика ҳамчун омили демографӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба муносибати тарафайни давлатҳо таъсир намуда, дар аксари ҳолатҳо сиёсати як қатор мамлакатҳоро муайян карда, нақши боз ҳам муҳимтарро хоҳад бозид.

“Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ҷиҳати ҳалли мушкилоти соҳаи энергетика ва рушди он 34 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 57,2 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст. Ҳоло дар ин самт боз 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 16,4 миллиард сомонӣ татбиқ гардида истодааст. Дар ин давра зиёда аз 2000 мегаватт иқтидорҳои нав ба кор андохта, ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ аз 17 миллиард киловатт – соати соли 1991 ба 21 миллиард киловатт – соат дар соли 2019 афзоиш дода шуд”[3].

Дар зарфи беш аз 31 соли Истиқлоли давлатӣ Ҳукумати кишвар ба он ноил шуд, ки неругоҳҳои барқи обии “Сангтӯда-1”, “Сангтӯда-2”, Маркази барқу гармидиҳии “Душанбе-2”, агрегати 1-уми НБО “Роғун” 16 ноябри соли 2018 ва агрегати 2-юми ин Неругоҳ 9 сентябри соли 2019, НБО “Помир-1” ва зиёда аз 280 неругоҳи барқи обии хурд ва дастгоҳҳои офтобиро ба истифода дода, зиёда аз 1500 МВт тавоноии навро ба даст оварад.

Дар баробари ин, бунёди хатҳои интиқоли барқи ҳавоии 220 – 500 кВ ба монанди “Ҷануб – Шимол”, “Айнӣ – Панҷакент”, “Лолазор – Хатлон” “Қайроққум – Ашт” амалӣ гардида, ба сохтани хатти интиқоли барқи CASA -1000 бо бунёди зеристгоҳи конверторӣ санги асос гузошта шуда, дар назар аст, ки интиқоли энергияи электрикии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз лиҳози иқтисодӣ арзон дар неругоҳҳои навини бунёдшавандаро ба дохил ва кишварҳои ҳамсояи дуру наздик интиқол диҳад.

Ҳамзамон, зеристгоҳҳои барқии “Норак 500-220”, “Регар-500” ва НБО “Сарбанд” пурра навсозӣ шуда, таҷдиди неругоҳҳои барқи обии “Норак” ва “Қайроққум” ва навсозии элементҳои як қатор шабакаҳои барқии ҷумҳурӣ идома доранд.

Давлату Ҳукумат зарурияти беандоза бузурги сохтмонҳои азиму гаронқимати соҳаи энергетикаро дарк намуда, бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ татбиқи 20 лоиҳаро ба маблағи 17 миллиард сомонӣ амалӣ намуда истодааст.

Аз Паёми соли 2022-и Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ ёдрас шудан ба маврид аст, ки аввалин агрегати НБО “Норак” соли 1972 ва агрегати нуҳуми он соли 1979 ба истифода дода шудааст, ки баъди 50 соли фаъолият агрегати якуми НБО «Норак» пас аз таҷдид бо харҷи беш аз 800 миллион сомонӣ бо тавоноии 375 мегаватт моҳи октябри соли 2022 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Бо пурра ба анҷом расидани корҳои таҷдиду навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир ба НБО «Норак» умри дубора бахшида шуда, иқтидори кории он иловатан 775 мегаватт зиёд мегардад.

Бо мақсади идомаи корҳои сохтмонӣ дар НБО "Роғун" аз тарафи Ҳукумати кишвар дар соли 2022-юм 3,2 миллиард сомонӣ маблағ равона гардид.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии соҳаи энергетика ин дараҷаи талафоти энергияи барқ дар шабакаҳои барқӣ буда, арзиши талафот – ин қисмате аз хароҷот барои интиқол ва тақсимоти барқ ба шабакаҳои барқӣ мебошад. Маълум аст, ки як қисми талафот сарфи технологӣ барои ба истеъмолкунандагон расондани энергияи истеҳсолшуда мебошад. Ин сарфи технологии неруи барқ аз назари иқтисодӣ талафоти асоснок ба шумор меравад. Қисми дигари талафоти неруи барқ, ки ба камбудиҳои системаи баҳисобгирии энергияи барқ мансубанд, зарарҳои беасосро ташкил медиҳанд.

Аз рӯи таҷрибаи ҷаҳонӣ маҷмуи талафоти техникӣ дар шабакаҳои 0,38-500 кВ набояд аз 4-6 дарсад ва талафоти техникии максималӣ аз 10-12 дарсад зиёд бошад.

Нуқтаи назари паст намудани талафоти барқ яке аз масъалаҳои муҳим дар Паёми Президенти кишвар ба ҳисоб рафта, гуфта шуд, ки солҳои охир талафоти техникии барқ ба вазъи молиявии ширкату корхонаҳои соҳа таъсири манфӣ расонда истодааст.

Пешвои миллат дар Паёми навбатиашон ёдовар шуданд, ки барои таъмиру таҷдиди шабакаҳои барқии кишвар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 10,7 миллиард сомонӣ хароҷот шудааст, вале талафоти барқ то ба ҳол нигаронкунанда буда, дар даҳ моҳи соли 2022 ин нишондод 20,4 дарсадро ташкил додааст[4].

Тоҷикистон яке аз давлатҳои дорои захираҳои бузурги истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза мебошад.

Чунонки борҳо таъкид кардаам, ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд.

Аз рӯйи кам будани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ низ Тоҷикистон дар яке аз ҷойҳои баландтарин қарор дорад.

Дар сурати истифодаи нерӯи барқи «тоза»-и дар кишвар истеҳсолшаванда дар воситаҳои нақлиёти барқӣ метавон талаботи мамлакатро аз маҳсулоти нафтӣ коҳиш дода, ба ин васила ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат мусоидат намуд.

Дар робита ба ин, ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав ва нақлиёт супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар дохили кишвар ба роҳ мондани истеҳсоли воситаҳои нақлиёти барқӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Инчунин, ҷиҳати таблиғу муаррифӣ кардани бартарии экологии маҳсулоти саноатии бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсолгардидаи кишвар зарур аст, ки корхонаҳои ватанӣ барои гирифтани сертификати «истеҳсоли сабз» аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ чораҷӯӣ намоянд.

Бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ дар идомаи корҳои дар солҳои соҳибистиқлолӣ баанҷомрасида ҳоло татбиқи боз 20 лоиҳа ба маблағи 17 миллиард сомонӣ идома дорад.

Аз ҷумла имсол таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Сарбанд» бо тавоноии 270 мегаватт ба маблағи 1 миллиарду 360 миллион сомонӣ пурра ба охир расида, таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак» ба маблағи 7 миллиард сомонӣ ва «Қайроққум» ба маблағи умумии 2 миллиард сомонӣ, инчунин, сохтмони неругоҳи барқи обии «Себзор» ба маблағи 612 миллион сомонӣ дар ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва неругоҳҳои бодиву офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб ба маблағи умумии 170 миллион сомонӣ бомаром идома дорад.

Бояд гуфт, ки баъди 50 соли фаъолият агрегати якуми неругоҳи «Норак» пас аз таҷдид бо харҷи беш аз 800 миллион сомонӣ бо тавоноии 375 мегаватт моҳи октябри соли 2022 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Бо пурра ба анҷом расидани корҳои таҷдиду азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир ба нерӯгоҳи «Норак» умри дубора бахшида шуда, иқтидори кории он иловатан 775 мегаватт зиёд мегардад.

Инчунин, корҳои сохтмон дар неругоҳи барқи обии «Роғун» бомаром пеш рафта истодаанд. Бо ин мақсад дар соли 2022-юм 3,2 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки солҳои охир талафоти техникии барқ ба вазъи молиявии ширкату корхонаҳои соҳа таъсири манфӣ расонида истодааст.

Барои таъмиру таҷдиди шабакаҳои барқии кишвар дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 10,7 миллиард сомонӣ хароҷот шудааст. Вале талафоти барқ то ба ҳол нигаронкунанда буда, дар даҳ моҳи аввали соли 2022 он 20,4 фоизро ташкил додааст[4].

28 апрели соли 2022 бо мусоидати Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Анқара миёни Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Ҷумъа ва Вазири энергетика ва захираҳои табиии Ҷумҳурии Туркия Фатиҳ Донмез вохӯрии маҷозӣ баргузор гардид. Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо вобаста ба иқтидори энергетикии хеш ва имконияти тақвияти ҳамкорӣ дар самти тавлиди энергияи “сабз” бо истифода аз платформаҳои бисёрҷониба ва дуҷониба, аз ҷумла дар доираи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Туркия оид ба ҳамкории иқтисодӣ мубодилаи афкор намуданд.

Далер Ҷумъа аз фурсати мусоид истифода бурда, Вазири энергетика ва захираҳои табиии Ҷумҳурии Туркияро ҷиҳати иштирок дар Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” таҳти унвони “Такон бахшидан ба амалҳо ва шарикӣ дар соҳаи об дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ”, ки аз 6 то 9 июни соли 2022 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, даъват намуд[5].

Дар паст намудани талафоти неруи барқ «фактори одамӣ» хеле муҳим мебошад. Зарур аст, ки системаи автоматикунонидашудаи баҳисобгирии комплексии неруи барқ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар ҷорӣ карда шавад.

Дар баробари зиёд шудани шумораи неругоҳҳои барқи обӣ, зиёд шудани корхонаҳои истеҳсолӣ ва афзоиши аҳолӣ низ ба чашм мерасад, ки он истифодаи самараноки энергияро тақозо менамояд.

Марҳила ба марҳила бо роҳнамоии Президенти кишвар ва Ҳукумати мамлакат ба истиқлоли энергетикӣ мерасад. Ҳамзамон, ҳар корхона, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд ба қадри неъмати бебаҳои табиат расида, қувваи барқро сарфакорона истифода бурда, ба исрофи он роҳ надода, бо ин восита буҷаи корхона ва хонаводаи худро низ камхарҷ гардонад.

Ҳамин тавр, дар солҳои 2016-2023 дар мамлакат рушди босуръати соҳаи энергетика ба назар мерасад, ки барои ташаккули минбаъдаи саноат мусоидат менамояд. Бояд гуфт, ки дар доираи пешбурди соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд ҳам барномаҳои зиёди давлатӣ амалӣ мегарданд. Бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар ин ҷода яке аз масъалаҳои муҳими соҳа ба шумор меравад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 20.01.2016// www.president.tj
2. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26-уми декабри соли 2018//www.president.tj
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.01.2021.// www.president.tj
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 23.12.2022// www.president.tj
5. Вазирони энергетикаи Тоҷикистон ва Туркия доир ба зарфияти энергетикии ду кишвар вохӯрии маҷозӣ доир намуданд. 29.04.2022//www.khovar.tj
6. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 марти соли 2019, №128
7. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 июли соли 2019, №373
8. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 майи соли 2020, №293
9. Маросими ба кор даровардани агрегати якуми Нерӯгоҳи барқи обии “Роғун”// www.president.tj (16 ноябри 2018)., Эмомали Рахмон запустил первый гидроагрегат Рогунской ГЭС//www.fergananews.com (16 ноябри 2018).
10. Маросими ба кор даровардани агрегати дуюми Неругоҳи барқи обии «Роғун»//www.khovar.tj
11. Оғози бунёди сарбанди Нерӯгоҳи барқи обии Роғун//www.president.tj (29 октябри 2016).


**REFERENCES:**


1. The Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 20.01.2016// www.president.tj
2. The Message of the Founder of National Peace and Unity, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan on December 26, 2018//www.president.tj

3. The Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 26.01.2021.// www.president.tj
4. The Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 23.12.2022// www.president.tj
5. The Ministers of energy of Tajikistan and Turkey held a virtual meeting on the energy potential of the two countries. 29.04.2022//www.khovar.tj
6. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated March 29, 2019, No. 128
7. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated July 31, 2019, No. 373
8. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated May 27, 2020, No. 293
9. The ceremony of putting into operation the first unit of the "Rogun" hydroelectric power station// www.president.tj (November 16, 2018); Emomali Rahmon launched the first hydroelectric unit of the Rogun hydroelectric power station//www.fergananews.com (November 16, 2018).
10. Commissioning ceremony of the second unit of the "Rogun" hydroelectric power station//www.khovar.tj
11. The start of the construction of the dam of the Rogun hydropower plant//www.president.tj (October 29, 2016).